**СУРАТМАҶЛИСИ № 61**

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**02 июли соли 2024** ш. Душанбе

Ҳозирини гироми бо сабабҳои объективӣ раиси шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А., дар кори Шуро ҳузур надорад, аз ин ру тибқи банди 44 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст пешниҳод карда мешавад, ки пешбурди кори шурои диссертатсионӣ ба души муовини раиси шуро Золотухин А.В., гузошта шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Ба овоз мемонем, муқобил бетараф нест, Қарор қабул карда шуд.

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 12 нафар, аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи Шӯро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи диссертатсияи Султонзода Дилрабо Шодихон дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**Роҳбари илмӣ:**

**Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Бобоев Ҷамрод Қурбонович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи таълимии байнидавлатии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

Сухан ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ. доир ба пешниҳод намудани маълумотномаи мухтасар дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ дода мешавад.

**(Парвандаи унвонҷӯй № ___)**

**Раисикунанда:** Ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ. доир ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва маълумотномаи мухтасар дар бораи унвонҷӯ ягон савол ҳаст? Савол нест.

**Сухан ба диссертант оид ба муҳтавои асосии диссертатсия.**

**Султонзода Дилрабо Шодихон** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Ба диссертант кӣ савол дорад? Марҳамат профессор - Муртазозода Ҷ.С., Қурбонов Қ.Ш., Сангинов Д.Ш., Имомова Н.М.

**Султонзода Дилрабо Шодихон** ба саволҳо ҷавоб дод.

**Раисикунанда:** Боз савол ҳаст ба диссертант? Савол нест.

Сухан ба роҳабри илмии диссертант **Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло** дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, Назаров А.Қ. барои қироати хулосаи кафедра, тақризи муассисаи пешбар,

тақризҳое, ки ба автореферати диссертатсия фиристода шудаанд, дода мешавад.

Котиби Шуро қироат мекунад:

1. Хулосаи кафедра.

3. Тақризи муассисаи пешбар.

4. Тақризҳои воридшуда.

**Раисикунанда:** Барои ҷавоб додан ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои воридгашта сухан ба диссертант дода мешавад.

**Султонзода Дилрабо Шодихон** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи расмии якум Меликов Умрилло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии аввал дода мешавад.

**Султонзода Дилрабо Шодихон** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи расмии Бобоев Ҷамрод Қурбонович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **дода** мешавад.

**Раисикунанда:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии дода мешавад.

**Султонзода Дилрабо Шодихон** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Ба мубоҳиса мегузарем. Кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад. Маҳҳамат профессорон Тагойназаров Ш.Т., Имомова Н.М., ва Муртазозода Ҷ.С.

**Раисикунанда:** Кӣ боз хоҳиши баромад намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад? Марҳамат сухан ба Ғафурзода А.Д., дода мешавад.

**Ба диссертант** сухани хотимавӣ дода мешавад.

**Султонзода Дилрабо Шодихон** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Ҳамин тариқ, муҳокимаи диссертатсия анҷом меёбад. Ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ интихоби комиссияи ҳисоб зарур аст.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб аъзои зерини Шурои диссертатсионӣ интихоб шуданд: Холиқзода А.Ғ., Сангинов Д.Ш., Қурбонов Қ.Ш.

Дигар пешниҳод нест? Нест. Кӣ чунин ҳайати комиссияро тарафдор аст, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор аст.

Аз ҳайати комиссияи ҳисоб хоҳиш карда мешавад, ки фаъолияти хешро амалӣ намояд (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раисикунанда:** Барои қироати натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, сухан ба раиси комиссияи ҳисоб, профессор Қурбонов Қ.Ш., дода мешавад.

Қироати суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб.

**Раисикунанда:** Барои тасдиқи суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб кӣ тарафдор аст, ҳоҳиш карда мешавад, ки овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор.

Ба қабули матни хулоса оид ба диссертатсияи **Султонзода Дилрабо Шодихон** , ки ба аъзои Шурои диссертатсионӣ тақсим карда шудааст, мегузарем. Аз ҷониби аъзои Шурои диссертатсионӣ ягон эрод, пешниҳод ё илова ҷой дорад?

**Раисикунанда:** Кӣ ба хулосаи Шурои диссертатсионӣ тарафдор аст, марҳамат овоз диҳад. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд. (Хулосаи Шурои диссертатсионӣ замима мегардад).

**Раисикунанда:** Иҷозат диҳед, қарори Шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Султонзода Дилрабо Шодихон қироат намоям.

# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О18

02 июли соли 2024 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Дилрабо Шодихон дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 -Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), тақризи муассисаи пешбар Муассисаи таълимии байнидавлатии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе), тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ Меликов Умрилло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Бобоев Ҷамрод Қурбонович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, баромади мутахассисон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ –Тагойназаров Ш.Т., Имомова Н.М., Муртазозода Ҷ.С., ва муқарризи ғайри расмӣ Ғафурзода А.Д.,– ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 дар асоси натиҷаи овоздиҳи пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Султонзода Дилрабо Шодихон , инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Султонзода Дилрабо Шодихон дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои 31 ва 33 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад.

2. Интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.

3. Ба Султонзода Дилрабо Шодихон дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Султонзода Дилрабо Шодихон ро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Золотухин А.В.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Назаров А.Қ.

02 июли соли 2024